## 5. 1.3. (12.00.03) ЧАСТНОПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ
## 5.1.3. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ (СИВИЛИСТӢ)
## 5.1.3. PRIVATE-LEGAL (CIVILISTIC) SCIENCES

***УДК 341***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-1-43-49***

# *АСОСҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ ХОРИҶӢ ДАР ДОКТРИНА, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ТАҶРИБАИ СУДИИ АНГЛИЯ, ИМА ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Солиев Иброҳимхӯҷа Муродович,***
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *ОСНОВЫ ПРИМЕНЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ПРАВА НА ОСНОВАНИИ ДОКТРИНЫ, ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И СУДЕБНОЙ ПРАКТИКИ АНГЛИИ, США И РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

***Солиев Иброхимходжа Муродович,***
*доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# *FOUNDATION OF APPLICATION OF FOREIGN LAW BASED ON DOCTRINE, LEGISLATION AND COURT PRACTICE OF ENGLAND, THE USA AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Soliev Ibrohimkhuja Murodovich,***
*associate professor of the department of judicial law and prosecutor's supervision under the Tajik State University of Law, Business and Politics, (Tajikistan, Khujand)*
***e-mail:*** *ibrokhim.soliyev.78@inbox.ru*

*Масъалаи асосҳои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар доктрина, қонунгузорӣ ва таҷрибаи судии Англия, ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар асоси доктрина ва қонунгузории якчанд кишвар баррасӣ ва хусусиятҳои фарққунандаҳои онҳо таҳлил карда шудааст. Ишора гардидааст, ки ба ҳайси асоси татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ меъёри коллизионии қонунгузории кишвар, инчунин созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Ҳангоми коллизияи ҳуқуқ, меъёри ҳуқуқи кишваре татбиқ мегардад, ки бо муносибати маданӣ-ҳуқуқӣ бештар робита дошта бошад. Хулоса шудааст, ки бо вуҷуди дар ҳудуди кишвари Англия ва дар ИМА дар ҳолатҳои муайян татбиқ гардидани ҳуқуқи хориҷӣ, судҳои Англия ҳангоми ҷой надоштани дархости тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ на ҳуқуқ ва на уҳдадории татбиқи ҳуқуқи хориҷиро дар асоси ex-officio надоранд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, меъёри коллизионӣ, ҳуқуқи хориҷӣ, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, созишнома, коллизияи ҳуқуқ*

*Анализируются основы применения иностранного права на основании доктрины, законодательства и судебной практики Англии, США и Республики Таджикистан, что является актуальной проблемой сферы международного частного права. Рассмотрено применение иностранного права на основе доктрины и законодательства названных стран и произведен анализ отличительных особенностей подобного применения. Указывается, что основанием для применения иностранного права выступает коллизионная норма законодательства, а также международные соглашения Республики Таджикиистан. При коллизии норм права будет применяться норма, имеющая наиболее тесную связь с гражданско-правовым отношением. Сделан вывод, что, хотя на территории Англии и США в отдельных случаях допускается применение иностранного права, но, когда нет обращения сторон к иностранному праву, английские суды не имеют права, а также обязанности применять иностранное право на основании принципа ex-officio.*

***Ключевые слова**: международное частное право, коллизионная норма, иностранное право, право Республики Таджикистан, применение права, гражданское право, соглашение, коллизия права*

*The article analyzes the basics of the application of foreign law on the basis of the doctrine, legislation and judicial practice of England, the USA and the Republic of Tajikistan, which is an urgent problem in the field of private international law. The application of foreign law on the basis of the doctrine and legislation of the named countries is considered and the distinctive features of such application are analyzed. It is indicated that the basis for the application of foreign law is the conflict of laws rule, as well as international agreements of the Republic of Tajikistan. In the event of a conflict of legal norms, the norm that has the closest connection with the civil law relationship will be applied. It is concluded that, although in England and the United States in some cases the application of foreign law is allowed, but when there is no recourse by the parties to foreign law, English courts do not have the right, as well as the obligation, to apply foreign law on the basis of the ex-officio principle.*

***Key-words:** international private law, conflict rule, foreign law, law of the Republic of Tajikistan, application of law, civil rights, agreement, conflict of laws*

Дар шароити густариши муносибатҳои мутақобилаи иштирокдорони муомилоти байналмилалии корӣ шумораи баҳсҳои моҳиятан бо унсури хориҷӣ мураккаббуда торафт зиёд мешавад. Ҳангоми ҳалли ин гуна баҳсҳо баъзан ҳуқуқи хориҷӣ низ татбиқ мегардад.

Масъалаи асосҳо ва тартиби татбиқи ҳуқуқи як кишвар дар қаламрави кишвари дигар яке аз масъалаҳои мураккаби илмӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад. Дар доираи мақолаи мазкур асосҳои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар қаламрави кишвари дигар мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

*Ҳуқуқи Англия*. Дар таълимоти Англия ва таҷрибаи судии ин кишвар одатан ақидае ҳукмфармо аст, ки тибқи он суд танҳо ҳуқуқи кишвари хешро бояд татбиқ намояд. Мутобиқи таълимоти ҳудудии ҳуқуқи одатӣ ва назарияи ҳуқуқи пайдокарда (vested rights) давлат дар воқеъ ҳуқуқи хориҷиро татбиқ накарда, танҳо ҳуқуқҳои субъективии тибқи қонуни хориҷӣ пайдошударо (ҳуқуқи пайдокарда) эътироф ва ҳифз менамояд. Чунин эътироф аз рӯи одоби байналмилалӣ Comity of nations ба амал бароварда мешавад [1, с.144]. Муроҷиат ба ҳуқуқи хориҷӣ на ҳамчун татбиқи меъёри юридикӣ, балки ҳамчун муайян кардани ҳолатҳои воқеии барои ҳалли парванда зарур буда маънидод карда мешавад. Ба сифати қонуни ягонаи аз тарафи судяҳо татбиқшаванда қонуни маҳалли баррасии парванда (lex fori) баромад мекунад.

Бо назардошти дар парванда ҷой доштани унсури хориҷӣ, ҳуқуқи хориҷӣ ҳамчун факте баррасӣ шуда, судя бояд кӯшиш намояд то ҳуқуқи аз рӯи шабоҳат ба ҳуқуқи аз ҷониби суди кишвари хориҷӣ дар мавриди баррасӣ ва ҳалли парвандаи айнӣ нисбат ба парванда татбиқ гардидаро ба роҳбарӣ гирад. Муносибати мазкурро ҳамчун равиши классикии ҳуқуқи байналмилалии хусусии Англия арзёбӣ кардан мумкин аст.

Баробари ин алҳол муносибати олимон ва судяҳо нисбат ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ тағйир ёфта истодааст: аз як тараф, бештари ҳуқуқшиносон ҳуқуқи хориҷиро ҳоло ҳам чун ҳолати воқеӣ баррасӣ менамоянд, аз тарафи дигар – эътироф мешавад, ки дар баъзе мавридҳо ҳуқуқи одатӣ татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷиро асоснок менамояд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар Англия ҳуқуқи хориҷӣ бештар ба таври факултативӣ татбиқ мегардад: суд набояд ҳуқуқи хориҷиро бинобар мақоми мансабӣ татбиқ кунад, ба истиснои мавриде ки татбиқи ҳуқуқи хориҷиро тарафҳо бевосита талаб менамоянд, яъне ҳуқуқи хориҷӣ вобаста ба иродаи тарафҳо аз рӯи принсипи ex-officio татбиқ мегардад. Агар ягон тараф дар раванди баррасии парванда дар мурофиаи судӣ зарурати татбиқи

ҳуқуқи хориҷиро талаб накунанд, суд бо ташаббуси хеш масъалаи мазкурро намебардорад ва чун натиҷа ҳуқуқи Англия татбиқ мегардад.

Ба андешаи Х.Шак, доктринаи муқарраргардидаи ҳуқуқи одатӣ, ки мутобиқи он ҳуқуқи хориҷӣ ҳамчун масъалаи воқеӣ арзёбӣ мегардад, то ҳол побарҷо аст. Аз ин бар меояд, ки тарафҳои хоҳиши баррасии масъалаи ҳуқуқӣ аз рӯи ҳуқуқи хориҷӣ дошта, бояд инчунин ба татбиқи он ишора намоянд [7, с.45].

Унсурҳои хориҷии дар парванда ҷой дошта дар мавриди маълум набудан, судя ҳуқуқ ва ҳатто ухдадории татбиқи ҳуқуқи хориҷиро аз рӯи принсипи ex-officio надорад.

*Ҳуқуқи ИМА*. Таҳлили асарҳои илмии олимон ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии кишвари Амрико нишон медиҳад, ки бар хилофи судҳои Англия, дар баъзе мавридҳо ҳуқуқи хориҷиро на танҳо дар ҳолати ишорати дахлдори тарафҳои мурофиа, балки инчунин бо ташаббуси худ метавонад татбиқ намояд.

Ба андешаи Ҷ.Чешир ва П.Норт, агар тарафи дилхоҳ эъроди хешро бобати татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ арз накунад, судҳои Амрикоӣ одатан ҳуқуқи кишвари худро татбиқ намуда, баъзан ин амалро бо он маънидод мекунанд, ки тарафҳо пиндоштаанд, ки ҳуқуқи хориҷӣ бо ҳуқуқи кишвари суд якхела мебошад. Лекин дар давоми фикрронӣ олимон иброз кардаанд, ки татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мумкин аст барои суд вобаста ба талаботи тартиботи оммавӣ, ҳатто новобаста ба он, ки тарафҳо дар рафти мурофиа оид ба чунин татбиқ дархост накардаанд, ҳатмӣ мебошад. Масалан, суд ҳангоми ҳаллӣ масъалаи шаҳрванди хориҷиро нисбати кӯдак васӣ таъин кардан, бояд барои татбиқ ва муқаррар намудани мундариҷаи ҳуқуқи хориҷӣ истодагарӣ намояд [8, с.124].

Тибқи Қоидаҳои федералии мурофиаи мадании ИМА, тарафе, ки мехоҳад баҳс дар асоси ҳуқуқи хориҷӣ ҳалли фасл шавад, бояд оид ба ин масъала дархост пешниҳод кунад ва дархости мазкур бояд дар доираи вақти муайян баррасӣ шавад.

Бояд қайд кард, ки агар тараф оид ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дархост накарда бошад, суд бо тартибе, ки муносибатҳои тарафҳо аз ҷониби тартиботи ҳуқуқии хориҷӣ танзим карда мешуд, метавонад онро бо ташаббуси худ татбиқ намояд. Лекин дар аксарияти ҳолатҳо ҳангоми мавҷуд набудани дархости тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ судҳо ба тартиби lex fori муроҷиат менамояд ва амсоли судие ҳаст, ки тибқи он суд бояд ба forum law муроҷиат намоянд, ба шарте ки тарафҳо хоҳиши ҳалли баҳс дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ надошта бошанд.

Ба таҷрибаи судӣ такя намуда Ҷ.Чешир ва П.Норт ишора кардаанд, ки алҳол ухдадории пешниҳоди меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ ба тарафҳои мурофиаи судӣ вогузор гардидааст, бинобар ин онҳо бояд таваҷҷуҳи судро ба имконоти татбиқи он ҷалб созанд. Ҳатто дар мавриде, ки мавҷудияти унсури хориҷӣ баръало маълум бошад суд вазифадор нест, ки ҳуқуқи хориҷиро татбиқ намояд. Лекин, бар хилофи ҳуқуқи Англия, судяи амрикоӣ ҳуқуқ дорад, новобаста ба мурофиати тарафи мурофиаи судӣ, татбиқи ҳуқуқи хориҷиро аз рӯи ex-officio (аз рӯи ваколати худ) ба амал барорад. Бояд қайд намуд, ки судяҳои амрикоӣ дар ин самт ташаббуси зиёд зоҳир намекунанд, зеро нишон медиҳанд, ки тарафҳо бо воситаи даст кашидан аз мурофиат ба ҳуқуқи хориҷӣ гӯё ризоияти худро ҷиҳати татбиқи lex fori зоҳир мекунанд [8, с.128].

Бо назардошти он, ки қонунгузории мурофиавии мадании иёлоти гуногуни ИМА дар масъалаи татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ фарқ мекунад, ҳуқуқшиносони амрикоӣ тавсия медиҳанд, ки то оғози мурофиаи судӣ бояд масъалаи арзи тарафҳо ҷиҳати дар марҳилаи муайяни мурофиавӣ татбиқ намудани ҳуқуқи хориҷӣ дар доираи қоидаҳои мурофиавӣ муайян карда шавад. Дар мавриди мавҷудияти чунин талаб ва хоҳиши тарафҳо дар бораи дар асоси ҳуқуқи хориҷӣ баррасӣ намудани бахси ҳуқуқӣ он бояд риоя карда шавад, лекин дар ҳолати мавҷуд набудани чунин талаб, бо мақсади роҳ надодани аз тарафи судҳо татбиқ

шудани lex fori, мувофиқи мақсад аст оид ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ аризаи хаттӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар ИМА мавҷуд буда тадриҷан аз тартиби дар Англия мавҷуда фарқ мекунад: татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ ҳам ба дархости тарафи мурофиаи судӣ ва ҳам бо ташаббуси бевоситаи суд татбиқ шуда метавонад. Таҳқиқоти ҳуқуқшиносони амрикоӣ собит месозад, ки татбиқи мустақилонаи ҳуқуқи хориҷӣ он қадар ҳам зиёд нест: маъмулан мавҷуд набудани ишораи тарафҳо ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ чун асос барои ба роҳбарӣ гирифтани lex fori (қонуни кишвари суд) баромад мекунад.

*Ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон*. Дар доктринаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешавад, ки дар баъзе мавридҳо ҳуқуқи моддии хусусии хориҷӣ аҳаммияти юридикӣ пайдо намуда метавонад, барои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида мавриди татбиқ қарор гирад.

Лозим ба таъкид аст, ки ҳуқуқи коллизионии шуравӣ татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷиро иҷозат медод. Тавре ки И.М. Солиев ишора менамояд, «дар он ҳолатҳое, ки меъёри коллизионӣ ба қонунгузории хориҷӣ ҳавола менамояд, татбиқи он ҳамчун уҳдадории муассисаи масъалаи ҳуқуқиро баррасикунанда баромад менамояд. Аз ин рӯ барои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ зарур нест, ки шахси манфиатдор барои татбиқи қонуни кишвари хориҷӣ ишора намояд: меъёрҳои коллизионӣ қисми таркибии қонунгузории кишвар буда, бояд аз рӯи ex-officio татбиқ карда шавад» [6, с.88-90].

Чунин нуқтаи назар ба муқаррароти қонунгузории амалкунандае, ки татбиқи меъёри ҳуқуқи хориҷиро дар қаламрави худ танзим менамуд, мувофиқат мекард.

Эътирофи умумии чунин муносибат (вобаста ба асосҳои татбиқи ҳуқуқи моддии хусусии хориҷӣ) дар доктринаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар афкори олимони муосири соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ инъикос ёфтааст. Баробари ин дар доктринаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд ақидаҳои ҷолиби илмӣ доир ба асосҳои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ баён шудааст, ки барои дарки муаммои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои татбиқ ва муқаррар намудани мундариҷаи он аҳаммиятнок мебошанд [9, с.130-134].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, татбиқи меъёри ҳуқуқи миллӣ берун аз қаламрави дахлдор ҳамчун экстерриториалӣ ёдрас мегардад. Ш.М. Менглиев иброз менамояд, ки ба таври васеъ ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ самтгирии экстерриториалӣ дорад, зеро масъалаи асосӣ – ин татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар қаламрави низоми ҳуқуқии дигар мамлакат дониста мешавад [5, с.133].

М.И.Брун фарқи истилоҳҳои «амали қонун» ва «татбиқи қонун»-ро таъкид намуда, ишора кардааст, ки гарчанде байни ин истилоҳҳо умумияти бисёр мавҷуд бошад ҳам, онҳо категорияҳои гуногун мебошанд.

«Амали қонун» чун категорияи ҳуқуқӣ ҳадди ҳатмияти қонунро дар доираи вақт ва фазо фаҳмонда, амали дилхоҳ қонуни миллӣ дар доираи фазои ҳудудии кишваре, ки ин қонунро қабул кардааст, амалӣ мегардад. Қонун моҳиятан дар ҳудуди кишвари хориҷӣ амал намекунад ва сабаби он соҳибистиқлолии давлатӣ мебошад ва дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ паҳншавии ҳокимияти як давлат дар қаламрави давлати дигар инкор менамояд.

Зери мафҳуми «татбиқи қонун» фаъолияти ҳокимиятӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба амали сохтани қонун фаҳмида мешавад. Ҳуқуқи байналмилалии муосир татбиқи ихтиёрии ҳуқуқи хориҷиро аз ҷониби давлатҳо бо назардошти манфиати худ, аз ҷумла мақсади рушди соҳаҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ манъ накардааст. Лекин имкони татбиқи қонуни кишвари хориҷӣ бояд дар қонунҳои кишваре, ки онро татбиқ мекунад, дарҷ карда шавад. «Қонуни як кишвар дар ҳудуди кишвари дигар метавонад татбиқ гардад, агар оид

ба ин амал дар қонуни кишвари мазкур нишондоди лозима муқаррар шуда бошад. Бо ибораи дигар, сарчашмаи имконпазирии татбиқи қонуни миллӣ дар ҳудудуи кишвари хориҷӣ на худи қонуни вай, балки қонуни бевоситаи ин давлат хориҷӣ ба шумор меравад. Агар дар парвандаҳои дорои унсури хориҷӣ татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мушоҳида гардад, пас ин ҳолат вобаста ба «амри» давлат, ки дар меъёри коллизиониаш дарҷ гардидааст, ба амал меояд» [1, с.150].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса намудан мумкин аст: қонуни миллӣ аз рӯи қоидаи мавҷуда наметавонад дар ҳудуди кишвари дигар амал намояд; он метавонад аз тарафи мақомоти кишвари хориҷӣ татбиқ гардад, лекин на вобаста ба хосияти хоси худ (чунин хосиятро ягон қонуни миллии кишвари алоҳида дошта наметавонад), балки тибқи муқаррароти қонуни кишвари хориҷӣ.

Татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар ҳудуди юридсиксияи кишвар бо соҳибистиқлолии вай маҳдуд карда мешавад. Чунин ҳолат мумкин аст бо тартиби худмаҳдуднамоӣ роҳ дода шавад, яъне тавассути иҷозат додани давлат ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ. Дар ҳолати ғайр хавфи халалдор гаштани давлат ба миён меояд.

Дар м.14 КМИ ҶТ имкони татбиқи меъёри ҳуқуқи хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Мутобиқи нишондоди б.1 м.14 КМИ ҶТ суди иқтисодӣ ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ мазмуни ин меъёрҳоро мувофиқи тафсири расмиашон, амалияи татбиқашон ва доктринаи онҳо дар давлати дахлдори хориҷӣ муқаррар менамояд [3].

Муқаррароти мазкур, ки дар қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ пешбинӣ шуда аст бо сабабҳои номаълум дар қонунгузории мурофиавии маданӣ пешбинӣ нашудааст.

Ба ҳайси сарчашмаҳои моддӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамоянд. Илова бар ин масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» пешбинӣ гардидааст [4].

Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси мадании амалкунанда нисбат ба кодекси граждании қаблӣ бештар меъёрҳои коллизионии дутарафа пешбинӣ шудааст, ки ҳамчун асоси татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ баромад мекунад.

Меъёрҳои коллизионии дахлдор инчунин дар шартномаҳои байналмилалии ҶТ (масъалан, Муоҳидаи ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993) пешбинӣ шудааст.

Дар хотима бояд иброз намуд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоизии татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба мавҷудяти унсури хориҷӣ вобаста мебошад. Татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар мавриди ба вуҷуд омадани масъалаи коллизионӣ имконпазир буда, дар мавриди ҷой надоштани масъалаи коллизионӣ оид ба масъалаи татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ сухан намеравад. Тавре ки муқаррароти м. 1306 Кодекси мадании ҶТ пешбинӣ менамояд, ҳуқуқи ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё дорои унсурҳои хориҷии дигар татбиқшаванда дар асоси Кодекси маданӣ, санадҳои қонунгузории дигар, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст ва одатҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад [2].

Хулоса:

1. Ҳам дар ҳудуди кишвари Англия ва ҳам дар ИМА татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ вобаста ба ҳолатҳои муайян роҳ дода мешавад. Баробари ин сершумории муроҷиати мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба ин меъёрҳо, баробари худи асосҳои чунин татбиқ якхела намебошад. Масалан, судҳои Англия ҳангоми ҷой надоштани дархости тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ на ҳуқуқ ва на уҳдадории татбиқи ҳуқуқи хориҷиро дар асоси ex-officio надоранд. Дар навбати худ таҷрибаи судии ИМА чандирии бештар зоҳир мекунад:

дар баъзе мавридҳо судҳо ҳуқуқи хориҷиро на танҳо бинобар ишорати тарафҳо, балки боз бо ташаббуси худ низ татбиқ менамоянд.

2. Одатан доктринаи ҳуқуқи байналмилалии хусусии ҶТ дар мавқее қарор дорад, ки ҳуқуқи хориҷӣ бояд аз рӯи ex-officio татбиқ гардад: агар меъёри коллизионӣ ба ҳуқуқи хориҷӣ ҳавола намояд, татбиқи охирон новобаста ба ишорати тарафҳо чун уҳдадории суд арзёбӣ мегардад.

3. Қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии ҶТ татбиқи ҳуқуқи хориҷиро дар қаламрави кишвар, ҷиҳати танзими муносибатҳои бо унсури хориҷӣ мураккабгардида бевосита асоснок ва муқаррар менамояд. Ба ибораи дигар, имконияти татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар доираи қонунгузории ҶТ бо як зумра сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, талаботи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкории давлатҳо асоснок карда мешавад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. *Брун М.И. Международное частное право. / Золотой фонд российской науки международного права. Т.2. / Брун М.И. – Москва: Междунар. отношения, 2009. – 455 с.*
2. *Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор мегирад. - Садои мардум № 1-9 (4584-4592) аз 2 январи соли 2023.*
3. *Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 4, мод. 5; с. 2011, № 12, мод. 840; с. 2012, № 7, мод. 719; с. 2013, № 3, мод. 180; с. 2015, № 11, мод. 954; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 277; с. 2018, № 1, мод.7., Қонуни ҶТ аз 26.12.2011 № 776, аз 03.07.2012 № 869, аз 19.03.2013 № 937, аз 23.11.2015 № 1233, аз 30.05.2017 № 1420, аз 2.01.2018 № 1475, аз 3.08.2018 № 1539, аз 2.01.2019 № 1560, аз 02.04.2020 № 1687.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 205.*
5. *Менглиев Ш.М. Международное частное право / Менглиев Ш.М. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 200 с.*
6. *Солиев И.М. Применение иностранного права в Республике Таджикистан / Солиев И.М. – Худжанд: Ношир, 2015. – 176 с.*
7. *Шак Х. Международное процессуальное право: учебник / Пер. с нем. Е.В. Гречишникова; Под. ред. М.М. Богуславского. - Москва: Юрид. лит., 2001. – 680 с.*
8. *Чешир Дж. Норт П. Международное частное право / Пер.с анг. С.Н. Андрианова. - Москва: Меж.отн., 1982. – 436 с.*
9. *Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Воситаи таълимӣ /Муҳаррири масъул: н.и.ҳ. дотсент Раҷабов М.Н. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 264с.*

**REFERENCES**

1. *Brun M.I. International Private Law. / Golden fund of the Russian science of international law. Vol. 2. / Brun M.I. - Moscow: International relations, 2009. - 455 pp.*
2. *The Civil Code of the Republic of Tajikistan, which Shall Enter into Effect on July 1, 2023. – Sadoi mardum (Voice of the People) No. 1-9 (4584-4592) of January 2, 2023.*
3. *The Economic Procedural Code of the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, 2008, No. 1, p. 1, art. 4, art. 5; 2011, No. 12, art. 840; 2012, No. 7, art. 719; 2013, No. 3, art. 180; 2015, No. 11, art. 954; 2017, No. 5, p. 1, art. 277; 2018, No. 1, Art. 7., Law of the Republic of Tajikistan dated 26.12.2011 No. 776, dated 03.07.2012 No. 869, dated 19.03.2013 No. 937, dated 23.11.2015 No. 1233, dated 30.05.2017 No. 1420, dated 2.01.2018 No. 1475, dated 3.08.2018 No. 1539, dated 2.01.2019 No. 1560, dated 02.04.2020 No. 1687.*

4. *Law of the Republic of Tajikistan On International Commercial Arbitration // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2015, No. 3, Art. 205.*
5. *Mengliev Sh.M. International Private Law / Mengliev Sh.M. - Dushanbe: Devashtich, 2002. - 200 pp.*
6. *Soliev I.M. Application of Foreign Law in the Republic of Tajikistan / Soliev I.M. - Khujand: Publisher, 2015. - 176 pp.*
7. *Shak H. International Procedural Law: textbook / Translated from German E.V. Grechishnikova; Pod. ed. M.M. Boguslavskogo. - Moscow: Yurid. lit., 2001. - 680 p.*
8. *Cheshire J. North P. International Private Law / Trans. From English S.N. Andrianova. - Moscow: International relations, 1982. - 436 pp.*
9. *Private International Law. Educational resource / Editor-in-chief: associate professor Rajabov M.N. – Dushanbe: "Er-graph", 2018. – 264pp.*